«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Директори Институти иқтисодиёт
ва демографияи АМИТ
д.и.и., профессор
____________ Ш. Раҳимзода
«22» ______04______ 2022 с.

# ХУЛОСАИ

ҷаласаи шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон оид ба диссертатсияи Назарзода Наврузҷон Назар дар мавзӯи «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – Иқтисодиёти меҳнат.

Назарзода Наврузҷон Назар 22 апрели соли 1992 дар шаҳри Душанбе дар оилаи зиёӣ таваллуд шудааст. Оиладор соҳиби 3 фарзанд мебошад.

Соли 2014 дараҷаи бакалавр ва соли 2016 дараҷаи магистратураи Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро бо тахассуси молия ва қарз аз рӯи ихтисоси молия бо Дипломи аъло хатм намудааст.

Соли 2014 фаъолияти меҳнатии худро дар Пажӯҳишгоҳи илмӣ тадқиқотии «Молия» -и Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон оғоз намуда, айни ҳол ассистенти кафедраи молия ва қарзи Донишгоҳи технологии Тоҷикистон мебошад.

Аз соли 2019 то инҷониб, унвонҷӯи Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионии Назарзода Наврузҷон Назар дар ҷаласаи Шӯрои олимони Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ аз 27 ноябри соли 2020 таҳти рақами 11 тасдиқ гардидааст.

Роҳбари илмии унвонҷӯй доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор сарходими шуъбаи таҳқиқоти муқоисавии иқтисодии Институти иқтисодиёт ва демографияи АМИТ Ҷонмамадов Шермамад Бекмамадович мебошад.

Имтиҳонҳои номзадиро аз фанҳои забони хориҷӣ (англисӣ) 4(хуб) аз 16 октябри 2020, таърих ва фалсафаи илм 4 (хуб) аз 26 майи 2021 дар Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон супоридааст.

Дар натиҷаи муҳокимаи диссертатсия дар мавзуи «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикитсон» чунин хулосаҳо бароварда шуд:

**Тавсифи умумии таҳқиқот**

**1. Баҳои кори иҷрошуда.** Таҳқиқоти диссертатсионии Назарзода Наврузҷон Назар дар мавзуи «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳмули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба мавзуи мубрам бахшида шудааст. Кори диссертатсионӣ бо забони давлатӣ ва бо асосноккунии илмӣ навишта шуда, таҳқиқоти анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Дар таҳқиқоти илмӣ мақсад ва вазифаҳо пурра иҷро гардида, пешниҳод ва хулосаҳо асоснок гардидаанд. Далели нокифоя будани омӯзиши илмӣ – назариявӣ ва амалии мавзуи таҳқиқшаванда дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, сабаби ба мавзуи мубрами таҳқиқот табдил ёфтани масъала мегардад.

**2. Саҳми шахсии довталаб.** Ҳамаи давраҳо ҷиҳати иҷрои нақшаи кори диссертатсионӣ, аз ҷумла интихоби мавзӯъ, асосноккунонии мубрамият, мақсад ва иҷрои вазифаҳои гузошташуда бо иштироки бевоситаи муаллиф гузаронида шудааст.

**3. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот.** Бо гузаронидани таҷрибаҳо, дақиқии маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркарди маълумоти омории натиҷаҳои таҳқиқот ва интишорот тасдиқ мегардад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ манзур карда шудаанд.

**Ҳадафи таҳқиқот –** ин такмил додани арзёбии шуғли устувори пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Муҳтавои асосии навгонии диссертатсия аз истифодаи усулҳои муосири методии таҳқиқи масъалаҳои рушди шуғли устувори пурмаҳсулро дарбар мегирад. Дар ҷараёни омодасозии таҳқиқоти

диссертатсионӣ натиҷаҳое ба даст оварда шудаанд, ки навгонии илмии корро муайян намудаанд:

- асоснок кунонида шудааст, ки муҳтавои асосии шуғли пурмаҳсул дар доираи бозори меҳнат на танҳо аз қонеъгардонии талаботи аҳолӣ бо ҷойи корӣ, инчунин аз нигоҳи иқтисодӣ ифода меёбад. Ин ҷойи кории пурмаҳсул мебошад, ки ба корманд имконият медиҳад манфиати шахсии худро татбиқ намояд, навовариҳои илму техникиро дар фаъолияти хеш истифода бурда, барои ба даст овардани ҳосилнокии баланди меҳнатӣ муваффақ шавад ва музди лоиқ ба даст оварад, ки ба такрористеҳсолии муътадили корманд ва аъзоёни оилаи он кафолат диҳад;

- барои тавсифи миқдории шуғли пурмаҳсул низоми нишондиҳандаҳои мутлақ ва нисбӣ таҳия карда шудааст, ки тавассути онҳо иқтидори бозори меҳнат ва дараҷаи ҷалби аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт фаъол ба соҳаҳо ва бахшҳои воқеӣ ва хизматрасониҳои иқтисодиёт арзёбӣ карда мешаванд.

- барои андозагирии сатҳи рушди шуғли устувори пурмаҳсул усули таҳлили бисёрченаи муқоисавӣ истифода шуда, тавассути он рейтинги ҷамъбастии рушди шуғли устувори пурмаҳсул муайян карда шудааст;

- собит карда шудааст, дар ҳолате, ки рушди устувори иқтисодӣ дар кишвар таъмин карда мешавад, талаботи умумии иқтисодиёт ба қувваи корӣ афзуда, дараҷаи шуғли аҳолии дар иқтисодиёт фаъол зиёд мегардад, ки ниҳоят ба коҳишёбии сатҳи бекорӣ мусоидат менамояд;

- андозагирии динамикаи пешравии сохтории аҳолии машғул масъалаи муҳими назариявӣ ва амалӣ буда, тағйирёбии тавофути маҷмӯи умумии шуғли пурмаҳсулро дар соҳаҳо ва бахшҳои иқтисодиёт арзёбӣ менамояд;

- барои арзёбии аҳолӣ аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул тамсилаи омилии таҳлил таҳия гардида, тавассути истифодаи усули шохисӣ таъсиррасонии омилҳо: коэффитсиенти вобастагии аҳолии аз ҷиҳати дар иқтисодиёт машғул аз муҳоҷирати меҳнатӣ, коэффитсиенти вобастагии муҳоҷирати меҳнатӣ аз аҳолии бекор, коэффитсиенти шиддатнокӣ дар

бозори меҳнат ва коэффитсиенти таъмини аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (қувваи корӣ) бо ҷои корӣ таҳлил карда шудааст;

- Тамсилаи дурнамои нишондиҳандаҳои шуғли устувори пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 – 2027 таҳия гардидааст.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки таҳлили иқтисодию назариявии ҳолати шуғли пурмаҳсул арзёбӣ карда шудааст. Натиҷаҳои илмии бадастомада таҳқиқоти мавҷударо дар бахши макроиқтисодӣ мукаммал гардонида, метавонанд ба заминаҳои назариявии таҳияи самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи рушди шуғли пурмаҳсул шомил карда шаванд, ки ба баланд бардоштани сифат ва сатҳи зиндагии аҳолӣ дар кишвар нигаронида шудаанд. Натиҷа ва хулосаҳо дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, хадамоти муҳоҷирати Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, инчунин дар Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шаванд. Тавсияҳои амалӣ ва усулҳои методии коркардшуда зимни таълими курсҳои махсуси лексионӣ, навиштани дастурҳои амалӣ дар мактабҳои олии таҳсилоти олӣ, ки иқтисодчиёни ояндаро тайёр менамоянд, метавонад истифода шаванд. Муҳтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар коркарди курсҳои таълимии "Иқтисодиёти меҳнат", "Бозори меҳнат", "Омори бозори меҳнат" ва ғайра ба сифати мавод метавонад хизмат расонад.

**4. Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08. 00. 12 Иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад:

Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи феҳристи ихтисосҳои КОА – и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08. 00. 12 иқтисодиёти меҳнат мувофиқат мекунад:

1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра).

2. Бозори меҳнат: сохтор ва бахшҳои он; шуғли аҳолӣ, бекорӣ (намуд ва шаклҳои асосӣ, оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ).

3. Масъалаҳои мубрами муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Муққарарот ва натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф дар конфересияҳо ва семинарҳои илмӣ – назариявии сатҳи донишгоҳӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ва раванди баргузор кардани дарсҳои лексионӣ ва семинарӣ пешниҳод карда шудаанд.

**5. Интишори аз рӯи мавзӯи диссертатсия.** Аз рӯйи натиҷаҳои 9 мақолаи илмӣ дар ҳаҷми 5,2 ч.ч, аз ҷумла 6 мақолаи он дар нашрияҳои аз тарафи КАО -и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда ба нашр гардидааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатссия.** Диссертатсия аз муқаддима, 3 боб, 18 ҷадвал, 2 расм, 18 диаграмма, хулоса, таҳия карда шуда, дар 163 саҳифаи чопӣ баён гардидааст.

## ИНТИШОРОТ АЗ РӮИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд**

[1–М]. Назарзода Н.Н. Нақши бозори меҳнат дар рушди инаватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] Н.Н Назарзода // Маҷаллаи "Иқтисодиёти Тоҷикистон". Душанбе , 2020. - №4(2). – 2020. -С.147 – 151.

[2–М]. Назарзода Н.Н. Асосҳои назариявии шуғли пурмаҳсул дар бозори меҳнат [Матн] Ш.Б Ҷонмамадов, Н.Н. Назарзода. // Паёми Донишгоњи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. "Молия ва иқтисод" Мањаллаи илмї. Душанбе, 2021. – №4 (28). – сањ.65-72.

[3–М]. Назарзода Н.Н. Арзёбии динамикаи тағйироти сохтории

ахолии машғул дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] И.Р Иброхимзода (Иброхимов), Н.Н.Назарзода. // Маҷаллаи "Иктисодиёти Тоҷикистон". Душанбе, 2020. - №2. – С. 144 – 154

[4–М]. Назарзода Н.Н. Тамоюли раванди гардиши муҳоҷирати меҳнатӣ, таҳлили иқтисоди – оморӣ [Матн] А.Ҳ.Миразизов, Н.Н. Назарзода // "Маҷаллаи "Иктисодиёти Тоҷикистон". Душанбе, 2020. - №4.(1) . С.202 – 2010.

[5–М]. Назарзода Н.Н. Теоретические основы рынка труда и его роль в развитие национальной экономики [Матн] С.А. Азизов, Н.Н.Назарзода // Маҷаллаи "Идоракунии давлатӣ ". Паёми илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Душанбе , 2021. – №1 (50). – С. 80-89

[6 –М]. Назарзода Н.Н. Хусусиятҳои бозори меҳнати минтақавӣ дар шароити рушди инноватсионӣ [Матн] Б.Ш. Ҷонмамадов, Н.Н. Назарзода // Маҷаллаи "Иктисодиёти Тоҷикистон". Душанбе, 2021.- №4. – С. 56 – 66

**II. Мақолаҳо ва фишурдаи интишорот дар маҷмуаи маводи конфронс:**

[7 –М]. Назарзода Н. Регулирования рынка труда и его роль в развитие экономики [Матн] Н.Н. Назарзода// Маводи конфренсияи байналмилалии илмӣ - амалии онлайнӣ таҳти унвони "Ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ ва хизмати давлатӣ: моделҳои муосири самаранокии он" - Душанбе, 5 – 6 марти соли 2021. - С. 441-445.

[8 –М]. Назарзода Н.Н. Таҳлили коҳишёбии шиддати муҳоҷирати меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] Н.Н. Назарзода // Маводи конфронси ҷумҳуриявии илмию назариявӣ дар мавзуи «конфренсияи байналхалқии илмию амалӣ дар мавзӯи «амалисозии ҳадафҳои рушди устувор: таҷрибаи хориҷӣ ва миллӣ». – Душанбе, 13-уми октябри соли 2020. – С. 558 – 562.

[9–М]. Назарзода Н.Н. Таҳлили бекорӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ [Матн] Н.Н. Назарзода.// Маҷмӯи мақолаҳои магистрантон, докторантони

phd, унвонҷӯён ва олимони ҷавон: АМИТ, Институти иқтисодиёт ва демография. – Душанбе: КВД «МАТБАА», 2021. – с. 228 – 233.

**Қарори ҷаласаи кафедра**

Баъди шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Назарзода Наврузҷон Назар дар мавзӯи «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12. Иқтисодиёти меҳнат; тақризи роҳбари илмӣ – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷонмамадов Ш.Б; баромади доктороии илмҳои иқтисодӣ, профессор Ҷаборров А. ва Рауфӣ А., ва номзади илмҳои иқтисодӣ Ҷалилзода Д.Р. ҷаласаи шуъбаи таҳқиқоти институтсионалии Институти иқтисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии кушода ва хулосаи пешниҳодгардида оид ба мутобиқати ихтисос ва номи мавзӯъ ба шиносномаи ихтисос, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаҳои корҳои нашршудаи диссертатсияи Назарзода Наврузҷон Назар

*қарор мекунад:*

1. Диссертатсияи Назарзода Наврузҷон Назар дар мавзӯи «Такмили арзёбии шуғли пурмаҳсули аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12. Иқтисодиёти иеҳнат; ҷавобгӯ ба талаботи муқарраргардида арзёбӣ мегардад ва ба экспертизаи марҳилаи навбатӣ пешниҳод карда мешавад.

2. Ба Назарзода Наврузҷон Назар нусхаи протокол ва хулосаи маҷлиси кафедра дар бораи дуруст ба расмият даровардa шудани диссертатсия ва пешниҳоди он ба экспертизаи давраи навбатӣ дода шавад.

Ҳангоми овоздиҳӣ ба масъалаи мазкур 13 нафар иштирок доштанд.

Натиҷаи овоздиҳии кушода чунин аст:

| | |
|---|---|
| тарафдор | - 13 нафар |
| зид | - нест |
| бетараф | - нест |

Хулоса дар шуъбаи таҳкикоти институтсионалии Институти иктисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон аз 19 апрели соли 2022, протоколи №8 кабул шудааст

**Раис**:

Сардори шуъбаи таҳқиқотҳои институтсионалии Институти иктисодиёт ва демографияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент Бабаджанов Р.М

**Котиб:**
н.и.и., ходими пешбари илмӣ Алимов А.Л.

**Инспектори калон оид кадрхо ИИД АМИТ**
«19» 04 с. 2022 Курбонов Э